# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Давлатализода Хуршед Давлаталӣ дар мавзуи «Нақши расонаҳо дар ташаккули афкори умум» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ)**

Диссертатсияи Давлатализода Хуршед Давлаталӣ ба яке аз масъалаҳои муҳим ва мубрами илми журналистика – нақши воситаҳои ахбори омма дар ташаккули афкори умум дар шароити рушди ҷомеаи иттилоотӣ ва густариши технологияҳои рақамӣ бахшида шудааст. Интихоби мавзуъ саривақтӣ ва асоснок буда, ба талаботи рушди фазои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зарурати таҳқиқи илмии таъсири расонаҳо ба шуури ҷамъиятӣ ҷавобгӯ мебошад.

Муаллиф мубрамияти мавзуъро дар заминаи тағйироти босуръати фазои иттилоотӣ, рушди шабакаҳои иҷтимоӣ, рақамикунонии воситаҳои ахбори омма ва таъсири онҳо ба равандҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа бо далелҳои илмӣ асоснок намудааст. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақобати шадиди иттилоотӣ омӯзиши нақши расонаҳо дар ташаккули афкори умум аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ касб менамояд.

Асосҳои назариявии таҳқиқ бо истифода аз осори муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ таҳия шуда, муаллиф кӯшиш кардааст, ки назарияҳои маъруфро ба воқеияти фазои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ намояд ва дар ин замина таҳлили муфассали илмӣ анҷом диҳад.

Аз автореферати диссертатсияи Давлатализода Хуршед Давлаталӣ маълум мегардад, ки ин пажуҳиш аз назари сохторӣ аз муқаддима, се боб, ҳашт фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо иборат мебошад. Бобу фаслҳои рисола якдигарро пурра карда, масъалаҳои мубрами мавзуи таҳқиқшавандаро ба баррасӣ гирифтааст. Агар дар боби якум равишҳои назариявии таъсири ВАО ба афкори ҷамъиятӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта бошад, дар боби дуюм сохтор ва хусусиятҳои фаъолияти расонаҳо ва таъсири онҳо ба ташаккули афкори ҷамъиятӣ арзёбӣ шудааст. Дар боби сеюм бошад муаллиф кушидааст, ки мавқеи расонаҳои хабарии муосирро дар самти таъсиррасонӣ ба афкори омма дар асоси пурсишҳои сотсиологӣ муайян намояд.

Аз муҳтавои автореферати диссертатсия бармеояд, ки дар ин таҳқиқот сохтор ва фаъолияти воситаҳои ахбори оммаи анъанавӣ ва рақамӣ, нақши матбуоти даврӣ, телевизион, радио, шабакаҳои иҷтимоӣ ва захираҳои интернетӣ дар ташаккули афкори омма мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор гирифтааст. Хусусияти мусбати таҳқиқ дар он аст, ки масъала танҳо аз лиҳози назариявӣ баррасӣ нашуда, ҷанбаи амалии таҳқиқ бо истифода аз пурсишҳои сотсиологӣ ва таҳлили фаъолияти расонаҳои миллӣ таҳким ёфтааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ ба таҳлили фаъолияти рӯзномаи «Ҷумҳурият» ва «Телевизиони Тоҷикистон» диққати махсус зоҳир намудааст. Зимни таҳқиқ нақши расонаҳои мазкур дар тарғиби арзишҳои миллӣ, таҳкими худшиносӣ, боло бурдани маърифати сиёсӣ ва ташаккули афкори ҷамъиятӣ нишон дода шуда, ҳамзамон баъзе мушкилоти муҳтавои барномаҳо ва фаъолияти расонаҳо аз назари касбӣ мавриди арзёбӣ қарор дода шудааст.

Ба назари мо навгонии ин пажуҳиш дар он ифода меёбад, ки таъсири шаклҳои гуногуни расонаҳо ба афкори умум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мушикофона таҳлил гардида, хусусиятҳои таъсири расонаҳои давлатӣ, мустақил ва шабакаҳои иҷтимоӣ бо далелҳо нишон дода шудаанд. Пешниҳоди муаллиф оид ба ташаккули «Назарияи миллии ҳамбастагии иттилоотӣ» низ аз ҷумлаи дастовардҳои илмии диссертатсия маҳсуб мешавад ва метавонад барои рушди минбаъдаи таҳқиқоти журналистика дар Тоҷикистон заминаи муносиб фароҳам оварад.

Бо вуҷуди дастовардҳои назаррас, дар автореферати диссертатсияи Давлатализода Хуршед Давлаталӣ баъзе масъалаҳое низ мавҷуданд, ки метавонанд барои такмили минбаъдаи таҳқиқ ба назар гирифта шаванд:

1. Таҳлили муқоисавии фаъолияти расонаҳои Тоҷикистон бо таҷрибаи кишварҳои Осиёи Марказӣ метавонад барои муайян намудани хусусиятҳои миллӣ ва минтақавии ташаккули афкори умум заминаи илмии қавитар фароҳам оварад.

2. Дар таҳқиқ истифодаи маълумоти оморӣ ва нишондиҳандаҳои солҳои охир оид ба аудиторияи расонаҳои рақамӣ метавонад таҳлилро мукаммалтар намояд.

Эродҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмӣ ва амалии кори таҳқиқиро коҳиш намедиҳанд.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Давлатализода Хуршед Давлаталӣ дар мавзуи «Нақши расонаҳо дар ташаккули афкори умум» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои филологӣ,
муовини ректори Донишгоҳи
байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, Сафарзода Х.Ҳ.

Нишонӣ: 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Телефон: (+992) 918-21-44-44.
E-mail: khursheds@mail.ru.

Имзои Сафарзода Х.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б.Ғ.

Нишонӣ: 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Телефон: (+992) 987-53-25-24.
E-mail: bibijon72@mail.ru.

«02» 09 соли 2026